*Ба ҳукми дастнавис*

**УДК 891.550**

**ҲАМРОЕВ РАВШАНҚУЛ ЗАМОНОВИЧ**

# ПОЭТИКАИ АШЪОРИ ГУЛНАЗАР

Ихтисоси 10. 01. 01- Адабиёти тоҷик

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

**Душанбе- 2019**

**Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Солеҳов Шамсиддин-** доктори илмҳои филологӣ, профессор

**Муқарризони расмӣ:** **Восиева Рухшона Қурбоновна-** доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедра назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**Дустов Комилҷон Авлоқулович-** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Ҳимоя «26» декабри соли 2019, соати 15 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6Д. КОА- 028- и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузор мегардад (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121).

Ба диссертатсия дар китобхонаи марказӣ ва сайти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121), www / tgpu. tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «___» ________ соли 2019 фиристода шудааст.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Мирзоалиева А.Ш.**

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Аҳамияти мавзӯи таҳқиқот.** Пажӯҳиш ва нақди сохтори ҳунарии ашъори шуарои варзида аз вазифаҳои муҳими илми адабиётшиносист. Чунки нақди адабӣ ва адабиёт бо ҳам тавъаманд ва ҳамдигарро такмил медиҳанд. Бо ифодаи дигар, адабиёти хуб нақди хубро ба миён меорад ва нақди холисона ба такомули адабиёти хуб мусоидат мекунад. Зеро бисёре аз масъалаҳои воқеии адабиёти ҳар давру замон, табиати ҳунарии он маҳз дар поэтикаи он ифода меёбад. Поэтика метавонад фарогири кулли як адабиёт бо жанри алоҳида бошад. Дар ин росто поэтикаи адиби алоҳида фарогири ин ду ҷониб ва шаклдиҳандаи хасоиси ҳунарии адабиёти марҳалаи муайян аст.

Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, муаллифи Суруди миллӣ Гулназар Келдӣ аз шоирони пешоҳанг ва авангарди муосири мост. Ӯ аз назарияи шеър воқеан, огоҳ аст, огоҳона аз саноеъи бадеӣ истифода мебарад. Вай дорои ҷасорат ва ибтикороти шоирона буда, рисолати шоирии худро ба хубӣ дарк мекунад ва дар ҷодаи эҷод эҳсоси масъулият дорад. Ақидаҳои иҷтимоии Гулназар, ки дар Суруди миллӣ ва дигар шеърҳояш инъикос ёфтаанд, аз дарки масъулияти ӯ дар назди халқу миллат гувоҳӣ медиҳанд. Тавре ки адабиётшинос Юсуф Акбаров қайд менамояд: “Назар ба пиндошти Гулназар Тоҷикистон виҷдону имон ва сарвати беинтиҳою давлати уммедхост ва ба ақидаи ӯ, ҳар касе ки Ватан надорад, на танҳо инсони комил, балки аз ҷинси одамӣ нест”[2, 45].

Ҳангоме ки шеърҳои дар солҳои навадуми қарни гузашта эҷоднамудаи Гулназарро мутолиа менамоед, дармеёбед, ки шумо бо шоире рӯ ба рӯ ҳастед, ки ҷасорати адабӣ ӯро ба майдони сухан овардааст ва ғами халқу миллат нафасе вайро ором намегузорад. Чунин матлаб дар мақолаи Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло таҳти унвони “Зи гулхан пираҳан бар хеш медӯз” низ матраҳ шуда буд: “Вижагиҳои шеъри устод Гулназар ба сабаби хеле серпаҳлу, саршори андешаву эҳсосот, дарду ниёз, ишқ ва ормонҳо буданашон хеле зиёданд ва наметавон дар як гузориши сарироҳакӣ онҳоро фаро гирифт. Бисёр афсӯс, ки шеъри Гулназар ба мисли шеърҳои бисёр шоирони хуби мо ба куллӣ омӯхта нашудааст. Ҳол он ки омӯзиши ашъори Гулназар, хусусан таҷрибаҳои ӯ дар шеър, метавонад дарси хуби шоирӣ бошад ва барои шеършиносон ва омӯзиши шеър ва тарбияти завқи шоирона ба ҷавонон кӯмак кунад” [15, 5].

Истеъдод ва хизматҳои Гулназар чун адиб аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ қадрдонӣ

карда шудааст: “Шумо дар шеърҳо, суханрониҳо ва фаъолияти ҷамъиятиву касбиатон ҳамеша аз мавқеи манфиатҳои ҷомеа ва давлат дифоъ карда, дар барқароршавӣ ва таҳкими сулҳу ваҳдат саҳми арзанда гузоштаед” [5, 7].

Аҳамияти илмии мавзӯи рисола боз дар он ифода меёбад, ки эҷодиёти Гулназар дорои паҳлуҳои гуногуни ҳунарӣ ва ҷанбаҳои мухталифи ғоявӣ буда, омӯзиш ва пажӯҳиши ҷиддиро тақозо мекунад. Зеро то имрӯз мунаққиде ба ҳунари шоирии Гулназар ва мушаххасоти ашъори ӯ, сабки шахсии вай ва асрори эҷодиаш баҳои мукаммал нададааст. Алҳол касе мушаххасан собит накардааст, ки ашъори Гулназар аз шеърҳои ҳамсолону ҳамқаламонаш чӣ тафовуте дорад. Роҷеъ ба мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори ӯ навиштаҳои зиёде ба нашр расидаанд, аммо ба падидаҳои ҳунарии он эътибори ҷиддӣ камтар додаанд. Пажӯҳиши ҷанбаи иҷтимоии шеъри шоир аз тарафи муҳаққиқе ҳанӯз ба таври густурда сурат нагирифтааст.

Гулназар, бидуни иштибоҳ, шоири навпардоз аст, ки ин нубуғи шоиронаи ӯ на танҳо дар зоҳири ашъор, балки дар дарунмояи он низ равшан ба назар мерасад. Навпардозиҳои дар анвои суннатии ғазал, рубоиву дубайтӣ ва шеъри озод доирнамудаи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик бесобиқа аст. Амсилаҳои шеъри сафеде, ки аз тарафи Гулназар офарида шудаанд, қобили пажӯҳиш ва нақди воқеиянд, аммо ба ин масъалаи мубрам касе аз мунаққидон таваҷҷуҳи амиқ зоҳир накардааст. Доир ба масоили зикршуда рисолаи алоҳида ва тадқиқоти дигари монографӣ мавҷуд нест.

Гулназар чун шоир ва мунаққид на танҳо дар Тоҷикистон ва ҷамоҳири собиқ Шӯравӣ, балки дар мамолики ҳамзабони Эрону Афғонистон низ аз шуҳрату обрӯ бархурдор аст. Алиризои Қазва дар ин бора чунин ибрози назар дорад: “Гулназар Келдӣ аз шоирони матраҳ ва бо пуштивонае аз навгароӣ ва суннат ва нақди рӯз, аз ҷумлаи касонест, ки метавонад дар ғазал ва шеъри Тоҷикистон нақши калидӣ ифо кунад. Сарояндаи Таронаи миллии тоҷикон медонад, ки имрӯз адабиёти ҷаҳон то чӣ андоза худро ҷилав кашидааст ва аз таҷрибиёти жанрҳои мухталифи адабӣ ва ҳунарӣ чӣ гуна адибон ва шоирони ҷаҳон ба нафъи адабиёт истифода кардаанд” [5, 62].

Масъалаи падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри Гулназар, асосан, бо роҳи истифодаи моҳирона ва огоҳонаю ҳунармандона аз имкониятҳои дохилию хориҷии забон ва саноеи бадеӣ матраҳ мешавад. Ин масъалаест, ки пажӯҳиши жарф ва нақди холисро тақозо дорад. Намодҳои шеъри шоир, таноқузҳо ва сувари хаёли ӯ сазовори таҳқиқи мукаммали илмӣ мебошанд. Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва тасвирҳои дастнохӯрдаву обнорасидаи шоиронаи Гулназар қариб

дар ҳар шеъри солҳои охир эҷоднамудааш ба назар мерасанд. Дигаре аз масъалаҳои куллан омӯхтанашудаи шеъри Гулназар мусиқии ашъори ӯст. Инҳо ва масоили фаръии марбут ба мушаххасоти шеъри Гулназар моро водор ва зиёда аз ин, муваззаф мекунанд, ки перомуни ҳунари шоиронаи ӯ таҳқиқоти монографие ба субут расонем. Рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ роҷеъ ба поэтикаи ашъори Гулназар мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ.** Иддае аз мунаққидону адабиётшиносони тоҷик роҷеъ ба перомуни ашъори Гулназар фикру андешаҳои худро иброз доштаанд, аз қабили Абдураҳмон Абдуманнонов [156, 157], Абдушукури Абдусаттор [160], Холиқ Мирзозода [172], Раҳим Мусулмонқулов [177, 178], Мирзо Муллоаҳмад [28], Атахон Сайфуллоев [30], Хуршеда Отахонова [89], Аскар Ҳаким [103], Юсуф Акбаров [44] ва Нурмуҳаммад Одинаев [88], ки дар рисола андешаҳои зумрае аз онҳо мавриди накду баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳамин тариқ, як идда муҳаққиқони дигар, аз қабили М.Шарифова [198], Т.Абдуҷабборов [161], Ш.Нуриддинов [184], Ҳ.Самадов [189], А.Шеров [200], Б.Дарвеш [168], А.Абдуллоев [155], С.Шаҳзода [199], М.Умаров [193], Д. Даврон [167], Н. Зуҳурӣ [192] ва дигарон дар тӯли солҳои 1973-2018 ашъори алоҳидаи Гулназарро мавриди баррасӣ қарор додаанд, ба маҷмӯаҳои ашъораш тақризҳо навишта, дар нашрияҳо ба чоп расонидаанд. Аммо бояд гуфт, ки аксарияти он мақолаҳову тақризҳо дар замони Шӯравӣ навишта шуда, муаллифон осори Гулназарро асосан аз лиҳози муҳтаво ва ғоя, ки хоси ҳамон замон буд, таҳлилу баррасӣ намудаанд. Ба нудрат ноқидон ба ҳунари шоирии Гулназар ва хидматҳои ӯ дар ташаккули шеъри нави тоҷикӣ баҳогузорӣ кардаанд. Онҳо ҳангоми накди шеър бештар ба шарҳи мазмуну мундариҷаи он саргарм шудаанд, вале ба ҷанбаи ҳунарии он ва бозёфтҳои шоиронаи муаллиф мутаваҷҷеҳ нашудаанд. Осори Гулназар дар хориҷ ҳам мавриди таваҷҷуҳ аст. Мақолаҳои донишмандони Эрон Алиризои Қазва ва Алиасғари Шеърдӯст роҷеъ ба ҷузъиёти ашъори шоир маълумот медиҳанд.

Дар баробари ин, ҳамқаламонаш оид ба осори ӯ тақризу мақолаҳо иншо намудаанд ё перомуни эҷодиёташ мусоҳибаҳо оростаанд. Аз ҷумла, Камол Насрулло [183], Фарзона [193], Парда Ҳабиб [194], Ато Мирхоҷа [173], Саидалӣ Маъмур [171], Ҳадиса Қурбонова [175], Пиримқул Сатторӣ [190, 191], Маҷид Салим [188], Аҳлиддин Ҳисорӣ [197], Равшани Махсумзод [176] аз ҳамин қабиланд. Таъкид бамаврид аст, ки ин мақолаҳо бештар характери публитсистӣ доранд ва табиист, ки дар онҳо аз ҷанбаҳои илмиву тадқиқотӣ тавсифу ситоиш ва нақл бештар аст.

Зимни пажӯҳиш маълум шуд, ки муҳаққиқони мазкур то ҷое ба Гулназар чун шоири суннатгаро ва навпардоз баҳогузорӣ кардаанд, аммо касе аз эшон ба исбот нарасонидааст, ки суннатгароиҳои ин шоир дар чӣ ифода меёбад, сирри навпардозиҳои ӯ дар чист? Номбар кардани бозёфтҳои шоирона кори саҳл аст, аммо собит намудани асбоб ва маохизи он ҳунари муҳаққиқ аст. Ҳанӯз собит нашудааст, ки мушаххасоти сабки фардии Гулназар аз чиҳо иборат аст? Кадом вижагиҳо шеъри ӯро аз ашъори муосиронаш ташхис медиҳанд? Навпардозиҳои дар шеъри муосир доирнамудаи Гулназар чӣ гуна ва дар кадом сатҳ сурат гирифтааст?

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқ ва ҳаллу фасли дараҷаи омӯзиши мавзӯъ маълум гардид, ки чеҳраи шоиронаи Гулназар бар мабнои ҷараёни адабӣ ҳанӯз равшан карда нашудааст. Бо ин мақсад дар ин таҳқиқот мо ҳалли масоили зеринро пеши худ гузоштем:

1.Таҳқиқ намудани ҷанбаи сиёсӣ ва иҷтимоии ашъори Гулназар дар робита ба ҳунари шоирӣ ва поэтикаи меъёрию ғайримеъёрии ӯ.

2.Рӯнамо кардани навпардозиҳои дар анвои суннатии ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ анҷомдодаи шоир.

3.Таҳқиқи дарунмояи шеърҳои озоди Гулназар дар меҳварҳои амудиву уфуқӣ, пажӯҳиши тамрину таҷрибаҳои шоир ва амсилаҳои дар шеъри сафед офаридаи ӯ.

4.Муайян намудани падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри Гулназар дар робита ба корбурди имкониятҳои густурдаи забон ва санъатҳои бадеӣ.

5.Пажӯҳиши намоду вожаҳои меҳварӣ, парадокс, тасвирҳои тоза, бозёфтҳои шоирона дар шеъри Гулназар ва муайян намудани сабки фардии ӯ.

6.Баррасии тобишҳои сюрреалистӣ ва романтикӣ дар шеъри Гулназар.

7.Таҳқиқи мусиқии шеъри Гулназар чун ҷузъи ҳунари шоиронаи ӯ.

**Метод ва методологияи таҳқиқот ва асосҳои назарии он.** Метод ва методологияи ин таҳқиқотро принсипи робитаи ногусастании анъана ва навоварӣ, ваҳдати шаклу мундариҷа, усулҳои таърихиву муқоисавӣ ва таърихиву адабӣ ташкил мекунанд. Дар рисола ҳангоми баррасии мавзӯъ аз афкори назариявӣ ва амалии муҳаққиқону мунаққидони забардаст Д.С.Лихачев, Р.Якобсон, М.М.Бахтин, В.Я.Пропп, В.М.Жирмунский, Азро Поунд, Бигзаби, Фердинан де Соссюр, Т.С.Аливет, Маликушшуаро Баҳор, Шафеии Кадканӣ, Маҳмуди Футӯҳӣ, Муҳаммад Ғуломризоӣ, Абдулҳусайни Զарринкӯб, Ризо Бароҳанӣ, Меҳрони Муҳоҷир, Алиасғари

Шеърдӯст, Алиризои Қазва, Зиё Муваҳҳид, Шиблии Нуъмонӣ, Абдуқайюми Қавим, Т.Зеҳнӣ, С.Табаров, А.Сатторзода, А.Сайфуллоев, А.Ҳаким, А.Набавӣ, А.Абдуманнонов, Х.Шарифов ва дигарон истифода намудаем.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар рисола саъй карда шудааст, ки бори нахуст масъалаи поэтикаи ашъори Гулназар ва мақоми ӯ дар адабиёти охири асри XX ва ибтидои асри XXI мавриди пажӯҳиш ва баррасӣ қарор бигирад. Навовариҳо ва дастовардҳои назарраси рисоларо метавон мушаххасан чунин гурӯҳбандӣ кард:

- поэтикаи ашъори Гулназар ба таври густурда ва дақиқ таҳқиқ карда шуд;

- ҷанбаи иҷтимоии шеъри Гулназар бо мисолҳои мушаххас тадқиқ гардид;

- нақши Гулназар дар ташаккули шеъри муосири тоҷикӣ дар заминаи поэтикаи меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ муайян карда шуд:

а) бори нахуст ғазалиёти дар шакли мудерн эҷоднамудаи шоир баррасӣ ва амсилаҳои дар ин жанр сохтаи ӯ таҳқиқ карда шуданд;

б) навпардозиҳои шоир дар анвои рубоиву дубайтӣ ҳаллу фасл шуданд;

в) мушаххасоти шеърҳои озод ва сафеди шоир дар асоси тамринҳо ва таҷрибаҳои шоиронааш тадқиқ шуданд.

-падидаҳои ҳунарӣ дар ашъори Гулназар дар заминаи тарзи баён ва ифода матраҳ шуданд;

- мушаххасоти шеъри Гулназар дар заминаи тарзи корбурди саноеи бадеӣ таҳқиқ карда шуд;

- нақши намоду вожаҳои меҳварӣ, парадокс, сувари хаёл, тасвирҳои шоирона ва мусиқии шеъри ӯ дар ҳамбастагӣ тадқиқ карда шуд.

**Арзишҳои назарии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки ҳаёту фаъолияти эҷодии Гулназар, марҳилаҳои эҷодии ӯ, мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии осораш, ҷанбаи иҷтимоии ашъораш, навҷӯӣ ва навпардозиҳои поэтикӣ дар анвои суннатии ғазалу рубоӣ ва дубайтӣ, шеърҳои озод (нимоӣ) ва сафед (шомлуӣ), падидаҳои ҳунарӣ ва бозёфтҳои шоиронаи вай, вижагиҳои забони шеъраш, тарзи истифодаи ӯ аз намоду вожаҳои меҳварӣ, санъати нисбатан камомӯхтаи парадокс, сувари хаёлу тасвирҳои тоза, мусиқии шеър ва сабку услуби шоирии ӯ таҳқиқ карда шуд.

**Арзишҳои амалии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки мавод ва натоиҷи тадқиқотро метавон ҳангоми таҳияи китобҳои дарсии адабиёт ва таърихи он барои муассисаҳои таҳсилоти оливу мутавассит, таснифи васоити таълимӣ аз ин фан, маводи ёрирасон ба нақди адабиву назарияи адабиёт, инчунин таснифи мақолаву гузоришҳо истифода бурд.

**Сарчашмаҳо ва маводи таҳқиқот.** Дар раванди таълифи диссертатсия аз нашрҳои мухталифи осори Гулназар, ки дар тӯли солҳои гуногун эҷод шудаанд, аз ҷумла, “Табхола” (1992), “Ҳар мисраи шеър Тоҷикистони ман аст” (1997), “Лоиқе чун Лоиқе” (2000), “Қадаҳи шабнам” (2000), “Гулзори Гулназар” (2005), “Дӯст” (2006), “Шакарнам” (2006), “Туву хубиву раънои” (2010), “Растохези сухан” (2015), “Лолаҳо дар ёлаҳо” (2017), инчунин мақолаву тақризҳои ҳамқаламону адабиётшиносон, ки дар бораи ҳаёту фаъолияти эҷодии ӯ навиштаанд, суд ҷустаем, аз намунаҳои эҷодиёти гузаштагон ва ҳамсолони ӯ бо мақсади муқоиса истифода бурдаем, аз қомусҳои соҳавию таълифоти илмӣ баҳрабардорӣ кардаем.

**Нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд:**

Ташаккулу рушди эҷодиёти Гулназар ба вазъи адабиву фарҳангӣ ва иҷтимоии панҷ даҳсолаи охир марбут аст. Рӯйдодҳои сиёсию фарҳангӣ ба ташаккули фардияти эҷодии Гулназар низ муассир будаанд. Бо дарназардошти ҳамин масоил ба ашъори Гулназар таваҷҷуҳ шудааст:

-Гулназар зина ба зина чун шоири навпардоз дар адабиёти муосири тоҷик мақоми шоиста ва нақши калидиро ба даст овард.

-Ӯ дар ҷодаи эҷод ва накди шеър бо нигоҳи ҷадид ва шеваи вижаи худ аз қаламкашони муосираш ба куллӣ фарқ мекунад, ки зимни пажӯҳиши осораш исбот шудааст.

-Лирикаи шаҳрвандӣ ва ашъори иҷтимоии Гулназар дар замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон тобишҳои тоза ва назаррас касб кардааст, ки ин масъала дар рисола тадқиқи густурда шудааст.

-Вазъи нооромии солҳои 90-и садаи бист ва ҷанги таҳмилӣ дар шеъри Гулназар воқеъбинона мунъакис шудаанд.

-Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баёнгари таърих, армонҳои имрӯзу ояндаи миллати куҳанбунёди тоҷик аст.

-Навовариҳои Гулназар дар қолабҳои суннатии ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

-Намунаи бозёфтҳои шоирона ва тавфиқҳои эҷодии Гулназар дар шеъри озод (нимоӣ) ва шеъри сафед (шомлуӣ) ва амсилаҳои тозаи офаридаи ӯ дар шеъри нав дар таҳқиқ мавқеи муҳим доранд.

-Шеваи корбурди Гулназар аз санъатҳои бадеӣ, имкониятҳои забон ва нафосати мусиқии шеъраш ба ҳайси намуна мавриди таҳлилу баррасист.

**Апробатсияи тадқиқот.** Натиҷаҳои пажӯҳиши илмӣ дар семинару конфронсҳои анъанавии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (давоми солҳои 2017-2019) ва гузоришҳои илмии

ҳарсолаи унвонҷӯ баррасӣ шудаанд. Мундариҷаи асосии рисола дар чор мақолаи илмии нашрнамудаи диссертант дар маҷаллаҳои илмие, ки дар рӯйхати КОА Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудаанд, инчунин шакли муфассали он дар рисолаи "Падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри Гулназар" (соли 2018) ифода ёфтаанд, ки дар охири фишурда (автореферат) оварда шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (суратҷаласаи №10, аз 24 майи соли 2019) муҳокима ва ба дифоъ пешниҳод шудааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 13 фаслу 2 зерфасл, хулоса ва китобнома таркиб ёфтааст, ки ҳаҷми умумии он аз 191 саҳифа иборат аст.

**Мухтавои асосии таҳқиқот**

Дар **муқаддима** аҳамияту зарурати таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои он мушаххас ва сарчашма, методу методологияи тадқиқ, навовариҳо, аҳамияти назарию амалии он баён шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **"Мақоми Гулназар дар адабиёти муосири тоҷик"** ном дошта**,** фарогири се фасл мебошад. Фасли якум **"Назаре ба зиндагинома ва эҷодиёти Гулназар"** номгузорӣ шуда, ба ҳаёту эҷодиёт ва фаъолияти ҷамъиятии шоир ихтисос дода шудааст.

Гулназар Келдӣ 20 сентябри соли 1945 дар деҳаи Дардари ноҳияи Айнӣ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Ӯ макотиби миёна ва олиро хатм намуда, дар рӯзномаву маҷаллаҳо ва Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ дар вазифаҳои гуногун фаъолият намудааст. Аз соли 1973 узви Иттифоқи нависандагон буда, бо Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ ва соли 1995 бо унвони "Шоири халқии Тоҷикистон" сарфароз гардидааст. Инчунин солҳои 2005-2010 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон будааст. Ӯ дар айни замон муовини раиси Кумитаи мукофоти давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад [1, 69-70], [5, 3- 4], [21, 370].

Гулназар Келдӣ ҳанӯз дар овони хонандаи мактаби миёна буданаш машқи шеъргӯӣ мекард. Нахустин шеърҳояш дар рӯзномаи "Пионери Тоҷикистон" ва маҷаллаи "Машъал" ба нашр расидаанд. Маҷмӯаи аввалинаш "Расми сарбозӣ" соли 1969 интишор ёфтааст. То имрӯз дар ҳудуди чиҳил маҷмӯаи ашъори ӯ ба табъ расидаанд. Навтарин маҷмӯаи ашъори ӯ "Лолаҳо дар ёлаҳо" буда, соли 2017 нашр шуд, ки шеърҳои озоду сафеди ӯро фаро мегирад. Гулназар пеш аз ҳама, шоири навгарост. Шеъри ӯ

саршори ҷустуҷӯ ва бозёфтҳо буда, саҳифаи тоза дар адабиёти муосири тоҷик ба шумор меояд. Ӯ чун нависандаи болаёқат, мунаққид, драматург, филмноманавис, тарҷумон, рӯзноманигор ва публитсист низ мақоми муайян дорад.

Фасли дувуми боби мавриди назар **“Марҳилаҳои эҷодӣ, мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии шеърҳои Гулназар”** ном дорад, ки марҳилаҳои эҷодии ӯро метавон аз ҳайси ғоявию бадеӣ ба ду давра тақсим кард:

1.Эҷодиёти замони Шӯравӣ (солҳои 1970-1990).

2.Эҷодиёти шоир дар замони истиқлолият (аз соли 1991 то имрӯз).

Ҳар давраи эҷодиёти шоир аз дигараш бо мухтаво, мавзӯъ ва такомули ҳунари шоирӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар ашъори замони Шӯравӣ сурудаи Гулназар таъсири идеологияи ҳизби ҳукмрони коммунист ва методи реализми сотсиалистӣ эҳсос мешавад. Аммо Гулназар чун шоири озодандеш дар ҳамон замон низ баъзе қолабшиканиҳо кардааст. Ақоиди худшиносиву худогоҳии миллӣ дар ашъори ӯ ба мушоҳида мерасанд. Эҷодиёти ӯ дар солҳои истиқлолият хеле густурдаву доманадор ва серпаҳлу буда, ба шаҳодати Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона: “Устод Лоиқ боре дар суҳбате гуфта буданд, ки “Ҳеҷ кас дар шеъри муосир ба андозаи Гулназар таҷрибаҳо накардааст” [17, 8]. Солҳои 1970-1980 замони гул-гулшукуфии адабиёти тоҷик маҳсуб меёбад. Дар ашъори индавраинаи шоир, ҳама чиз баробари замон ҳаракат мекунад ва ба пеш меравад. Худи Гулназар дар қадамҳои аввали эҷодиаш эҳсоси масъулият намуда иброз дошта буд, ки: “Ба гуфтаи ҳазрати Бедил, шеър растохези сухан аст ва метавон вожаҳоро ба ҳар тобиш истифода кард. Аммо ҳамеша бояд ҳушёр буд, ки “растохезӣ” ба бемаъноӣ набарад” [11, 83].

Марҳилаи дувуми эҷодии Гулназар ба замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд, ки ин рӯйдоди таърихӣ дар навбати аввал хеле ҳассос буд ва ҳифзи ин неъмати бебаҳо аз фарзандони фарзонаи миллат масъулияти баландро тақозо менамуд. Ниёишҳое, ки он солҳо устод Гулназар рӯи қоғаз овардааст, дарду андуҳи замонро бозгӯ кардаанд. Онҳо таъсирбахш ва саршори ҳақиқати воқеъиянд. Гулназар ҳамроҳи дафтару қалами худ мегирист:

**Ин саҳар дар шохаҳо овози мурғони саҳар ях бастааст,**
**Хандаҳои зарҳалии офтоб**
**Дар лабаш бишкастааст…** [3, 23].

Агар марҳилаи аввали эҷодии Гулназар давраи тамрину таҷрибаҳои шоирона маҳсуб шавад, пас марҳилаи дувуми эҷодии ӯ замони татбиқи таҷрибаҳо дар шеър ва овони камолоти шоирист.

Шоир воқеан, сабки фардии худро касб кардааст. Гулназар мавзӯи ватандӯстиро ба яке аз сарчашмаҳои шеъри худ табдил дод ва барои ӯ Ватан мафҳуми муқаддас аст. Ватани ӯ аз зодгоҳаш оғоз меёбад ва саросари хоки Иттиҳоди Шӯравиро фаро мегирад. Дар маҷмӯаи нахустини ӯ "Расми сарбозӣ" (1969) ашъори шогирдонааш ҳам аз ҷаҳонбинии нисбатан фарохи ӯ дар иртибот бо таълимот ва сиёсати замон шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин ҳама, аз китоби нахустинаш то навтарин китобҳояш "Туву хубиву раъноӣ" ва "Лолаҳо дар ёлаҳо" ашъори ошиқонаи шоир фароҳам омадаанд. Аммо нафаскашиҳо ва розгӯиҳои шоири ошиқ дар ин китобҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Мундариҷаи ашъори Гулназар дар замони нав, яъне соҳибистиқлолии Тоҷикистон боз ҳам фарохтар ва густурдатар шудааст. Алалхусус, ҷанбаи иҷтимоии ашъораш неруи ҷадид гирифтааст. Ҳама мухтавои фаръии шеъри Гулназар дар атрофи ду мавзӯи бузург: **ишқ ва иҷтимоиёт** давр мезананд.

Фасли сеюми боби мазкур "**Ҷанбаи иҷтимоии ашъори Гулназар"** ном гирифта, дар он аз хусуси иҷтимоиасос будани афкори адабии Гулназар ва ҷанбаи иҷтимоии шеърҳояш сухан меравад. Ашъори Гулназар дар замони Шӯравӣ бештар дар чаҳорчӯбаи идеологияи ҳукмрон эҷод мешуд, зеро ин қарзи шаҳрвандии ӯ буд. Дар замони истиқлолият нигоҳи ӯ тағйир ёфт. Тараннуми озодӣ ва Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, сулҳу ваҳдат, худшиносии миллӣ, гиромидошти ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангии он ва ифтихори ватандорӣ феҳрасти мухтасари масоили иҷтимоӣ дар ашъори ӯянд. Профессор Мирзо Муллоаҳмад дар ин бора чунин изҳори ақида кардааст: "Ҷанбаи иҷтимоии шеъри Гулназар хеле қавист. Аз ин ҷост, ки шеъри ӯ ба сифати Суруди миллии Тоҷикистон интихоб шуда, ба ҷузъи муқаддасоти миллӣ шомил гардидааст" [5, 31].

Дар марҳилаи аввал дар эҷодиёти Гулназар ашъори иҷтимоию граждани мавқеи махсус дошт. Мавзӯъҳои Ватан, ҳизб, бунёдкорӣ ва ғояҳои замони Шӯравӣ бо оҳанги баланди гражданӣ садо дода, мундариҷаву ғояи ашъори шоирро муайян менамоянд. Лирикаи шаҳрвандии Гулназар аз ҳаёти воқеӣ сарчашма мегирад. Шоир аз мусибатҳову даҳшатҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ хулосаҳои шоирона баровардааст. Ҳодисаҳои баҳманмоҳи хунини соли 1990 дар шеъри Гулназар инъикоси воқеии худро ёфтаанд. Тасвири манзараҳои ҷанги таҳмилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ашъори иҷтимоии Гулназар мақоми вижа дорад. Ӯ ҳарчанд ки ашъори иҷтимоии зиёде сурудааст, ҳамеша арзиши ҳунарии шеърро дар мадди аввал гузоштааст. Яке аз беҳтарин шеърҳои иҷтимоии Гулназар Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки тафсири муфассали он дар диссертатсия омадааст.

Боби дувуми диссертатсия **“Гулназар – шоири навгаро”** аз шаш фасл таркиб ёфтааст. Фасли аввал **“Нақши Гулназар дар такомули шеъри муосири тоҷикӣ”** ном дорад. Гулназар табиатан шоири навҷӯ ва навпардоз аст. Вай аз овони ҷавониаш кӯшиш мекард, ки шеъраш аз шеъри дигарон фарқ кунад. Ӯ пайраҳаҳои печ дар печу душворгузарро тай карда, дар натиҷаи омӯзиши зиёд ба дараҷаи шоири **навгаро** расидааст. Дар солҳои 60-ум бо мусоидати шеъри муосири рус ва ба туфайли он шеъри мудерни ҷаҳон ба назми тоҷик ворид омад. Тадриҷан шеъри мудерни Эрон ба василаи ашъори Нодири Нодирпур ва Фурӯғи Фаррухзод ба муҳити эҷодии Тоҷикистон роҳ ёфт. Зарурати таҷаддуди шеъри замонро шоирони соҳибқариҳа ва бонангу номус эҳсос карданд, Гулназар низ ин рисолатро хуб дарк намуд. Таъкид бамаврид аст, ки пас аз ашъори Нимо Юшиҷи навгаро ба адабиёт шоирони навпардоз ворид шуданд. Гулназар ҳамчун шоири навгаро танҳо аз баёнияҳои шоиронаи нимоӣ илҳом гирифтааст, аммо ба Нимо ва ягон шоири тозакори Эрон тақлиди маҳз накардааст. Шеъри ӯ фарогири рӯҳияи тоҷикона буда, дар баёнаш истиқлолияти фикрию эҷодӣ ба назар мерасад. “Растохези вожаҳо” дар шеъри Гулназар ба туфайли нафаси тозаи калимаҳо дар низоми мисраъҳо ва хусусияти мусиқоияшон берун омадааст. Баъд аз солҳои навадуми қарни сипаришуда ибтикороти устод Гулназар бештар авҷ гирифт, ба дараҷае, ки ҳатто як қисми хонандагон ба ин гуна шеърҳои ӯ беэътиноӣ баён мекарданд. Аммо Гулназар аз роҳаш нагашт, ӯ хуб медонист, ки шеърро танҳо барои ҳамин рӯз эҷод намекунад.

Фасли дувуми боби дувум **“Навпардозиҳои Гулназар дар жанри ғазал”** ном дорад. Солҳои охир баъзе аз аҳли адаб ҳукм кардаанд, ки ашъори суннатӣ тоби навпардозӣ надоранд. Ҳафтаномаи “Адабиёт ва санъат” 10 июли соли 1986 “Мактуби кушода”-и шоир Ғаффор Мирзоро ба табъ расонида, ба баҳсе доир ба имрӯзу фардои ғазал оғоз ниҳод, ки хеле аз адибону мунаққидон дар он иштирок доштанд…“Барои ин асрори устодони гузаштаю имрӯзаи ғазалро бояд азхуд кард, эҳтиёҷоти маънавии ҳамзамононро нағз бояд донист…” [13, 174]. Ҳуҷум ба ин навъи дилпазири лирикӣ бо ҳамин қатъ нашудааст. Баъд аз ин ҳам борҳо дар саҳифаҳои матбуот доир ба масъалаҳои кӯҳна шудани ғазал, дар қолаби ғазал нағунҷидани мавзӯи рӯз ва амсоли он вокунишҳои зиёде ба табъ расиданд, ки аксари онҳо бебунёд буданд. Бидуни иштибоҳ, ҳар жанри суннатӣ ишколи худро дорад, аммо рӯҳи замонро дар колбади он дамидан вазифаи шуарои соҳибҳунар аст. Имрӯз ду навъи ғазал бо ҳама бурду бохташ эҷод мешавад: 1.ғазали ишқӣ; 2.ғазали иҷтимоӣ. Доктор Шафеии Кадканӣ чунин мефармояд: “Ин нуктаест, ки мо эрониҳо ба он камтар таваҷҷуҳ мекунем. Яъне,

ғофилем, ки аз фурмҳои адабиёти Машриқзамин ду фурми хос дорад ҷаҳонӣ мешавад, яъне, аз марзҳои табиии худаш таҷовуз мекунад: яке фурми ҳояку (Haiku)-и жопунӣ ва дигаре фурми ғазал (Ghazal)-и форсӣ. Албатта, бо вижагиҳои бумии ҳар кадом" [18, 672].

Воқеан, ғазал кухна нашудааст, балки тафаккуру назари худи мо кухна шудааст. Қолаби зебои он айбе надорад. Шоири рӯзгори моро зарур аст, ки дар ин қолаб эҳсосу отифа, фикру андеша ва тафаккури замони моро резад. Ғазали Гулназар аз ин ҷиҳат манзалати хоссе дорад. Ӯ муваффақ шудааст, ки мавзӯи муқаррариро то ҳадди шеър боло барад. Чун ғазалиёти солҳои охири устод Гулназарро аз ҳамин нуктаи назар ба таҳлил бигирем, итминон ҳосил мекунем, ки шоир худро ба майдони хатари эҷодӣ меандозад ва аз шикасту нокомиҳо эҳсоси тарс надорад. Вай таҷрибаи дар шеъри озод гузаронидаи пешоҳангони шеъри нави Эрон -Нимо Юшиҷ, Аҳмади Шомлу, Нодири Нодирпур, Ахавони Солис ва Фурӯғи Фаррухзодро дар жанри ғазали тоҷикӣ низ роҳандозӣ кард. Зеро аксарияти ғазалҳои суннатӣ, ки дар қолабҳои ба ҳам монанд эҷод шудаанд, хонандаро зуд хаставу дилгир мекунанд. Агар мисраъҳои ғазал ҳам аз ҷиҳати муҳтаво тару тоза бошанд, савту мусиқиашон форам бошад, мисраъҳо бо тақозои мазмун кӯтоҳ шаванд ё тӯл кашанд, ғазал дилрасу хонданӣ хоҳад шуд. Инак, аз як ғазали дар ҳамин услуб гуфтаи Гулназар, ки соли 1999 ба нашр расидааст, порае иқтибос меоварем:

**Як бӯсаам раҳо кун…**
**Ин умри бевафоро ҳамроҳи бовафо кун.**
**Дарётарам кун, эй ҷон,**
**Дунётарам кун, эй ҷон,**
**Фардотарам кун, эй ҷон,**
**Ин дил, ки аз "куҷоест",**
**фарзанди нокуҷо кун!** [9, 5].

Мақсади шоир инкишофи самти амудии ғазал аст, на уфуқӣ. Чунин ғазалҳои таҷрибакардаи Гулназар ангуштшумор нестанд. Қасди шоир аз афзуданҳову костанҳои вазн дар ғазали мудерн танҳо шакли нав офаридан нест, балки мақсуди ӯ фароҳам овардани фазои нав ва умқ бахшидан ба муҳтавои ғазал аст, ки намунаи онро дар пораи ғазали фавқ ба мушоҳида гирифтем. Дар рисола ин гуна мисолҳо фаровонанд.

**"Анъана ва навоварӣ дар рубоиёти Гулназар"** унвони фасли сеюми боби дувуми диссертатсия аст. Гулназар аз Лоиқ "тарзи омӯзиш ва баҳраҷӯӣ"-ро омӯхтааст, аммо услуби эҷодии худро касб карда, бо пайроҳаи хеш ба сафар баромадааст:

**Дар хилвати хеш рангу бӯ дораму бас,**

**Аз ҳиммати решаам нумӯ дораму бас.**
**Дар хонаи оина иқомат дорам,**
**Бо сурати хеш гуфтугӯ дораму бас** [4, 12].

Дар рубоисароӣ ва умуман, дар ҷодаи эҷод дарки таърихию иҷтимоӣ ва адабӣ Гулназарро тарк накардаанд, ки ҳамин дарки сегона дар рубоиёти шоир низ равшан инъикос ёфтаанд. Ба қавли академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ: "Зиёиён мағзи сари халқанд, онҳо ҷавҳари ҳикмати асрҳоро дар фаъолияти ақлонии худ гирд овардаанд ва онро ба кор медоранд, то ки имрӯзиёну фардоиён аз он бархурдор бошанд" [20, 292]. Дарки таърихӣ бо отифаи фитриаш гиреҳ хӯрда, Гулназарро такон медиҳад, ки воқеиятро рӯи коғаз орад. Ҳамдардии шоир ба мардуми ниёзманду саргардон, бечораву бепаноҳ аз тариқи шеъру рубоиёти пурдард сурат гирифтааст. Гулназар дарки баланди адабӣ дорад, зеро рисолати худро чун адиб дар ҷомеа эҳсос мекунад. Таҳкурсии иморати шеъраш аз адабиёти классикӣ буда, адабиёти муосиру хориҷиро низ хеле хуб омӯхтааст. Ӯ **ҳунари шоириаш**ро сарфи анвои гуногуни шеъраш кардааст, ки рубоиёташ аз ин ҷумла истисно нестанд. Рубоиёти ӯ рубоиёти замони моянд. Шоир аз тундгароиҳо ва нотифоқиҳои мусулмонони олам ба риққат омада, аз он чунин хулосаи шоирона баровардааст:

**Фарёд зи доноии нодонии мо!**
**Афсӯс бар ин сиришти зулмонии мо!**
**Донӣ, ки зи чӣ Каъба сияҳ пӯшида?**
**Биншаста ба мотами мусулмонии мо!** [4, 8]

Мо аз баррасии рубоиёти шоир ба натиҷа расидем, ки рубоиҳояш аз дарунмояи худ таҷаддуд пазируфтаанд. Дар рубоиёти Гулназар аз армонгароӣ дида, воқеъгароӣ бештар ба назар мерасад. Ба шеъру рубоӣ кӯчонидани вожаҳо ва ифодаҳои дар гӯишҳои мардум роиҷ буда аз таҷрибаҳои деринаи Гулназар аст.

Фасли чоруми боби дувуми диссертатсия "**Тозапардозиҳои Гулназар дар жанри дубайтӣ**" мебошад. Гулназар дар сурудани дубайтӣ дасти тавоно дорад. Дар китобҳои ӯ "Табхола" (1992) ва "Шакарнам" (2006) дубайтиҳои дар солҳои гуногун эҷодкардааш фароҳам омадаанд. Доктор Алиасғари Шеърдӯст дар ин бора чунин ибрози андеша намудааст: "Худи Гулназар дар роҳи тавсеаи доираи корбурди дубайтӣ дар шеъри имрӯзи Тоҷикистон гомҳои асосӣ бардоштааст" [19, 159]. Метавон дубайтиҳои Гулназарро аз рӯи фарогирии мавзӯъ ба чор гурӯҳ тақсимбандӣ кард: **а) дубайтиҳои ошиқона; б) дубайтиҳои иҷтимоӣ; в) дубайтиҳои фалсафӣ; г) дубайтиҳои пандомӯз.** Чун дубайтӣ навъи латифи лирикист, табиист, ки нуфузи дубайтиҳои ошиқонаи Гулназар нисбат ба дубайтиҳои иҷтимоиву фалсафӣ ва пандомӯзи ӯ бештар аст. Дар

дубайтиҳои Гулназар мусиқӣ вожаҳоро ба ҳаракати муназзам медарорад. Баъзан вожаҳо бо садои ҳамин мусиқӣ ба "рақс" медароянд, ки яке аз беҳтарин ҳунарҳои шоирӣ ҳамин аст:

**Аҷаб дунё, аҷаб савдо, аҷаб дил,**
**Аҷаб соҳил, аҷаб дарё, аҷаб дил.**
**Бишуд шеърам туро ҳамрозу ман не,**
**Аҷаб дафтар, аҷаб иншо, аҷаб дил** [6, 40].

**"Ҷойгоҳи шеъри озод дар эҷодиёти Гулназар"** фасли панҷуми боби дувуми диссертатсия мебошад. Гулназар Келдӣ аз шоирони навпардози муосир аст ва дар эҷодиёти ӯ бар замми ашъори суннатӣ шеърҳои нав (ба истилоҳи ғарбиён- **мудерн**) низ мақоми хос дорад. Мо шеърҳои нави ӯро ба ду гурӯҳ ҷудо намудем: шеърҳои **озод** ва **сафед**. Шеърҳои озоди Гулназар тадриҷан аз такя бар дарозиву кӯтоҳии мисраъҳо фаротар рафта, дар меҳварҳои уфуқиву амудӣ такомул ёфтаанд ва аз беҳтарин ашъори озоди имрӯзи тоҷик мебошанд. Шоир дарк кардааст, ки шеъри озод на танҳо бо дарозу кӯтоҳ кардани аркони арӯзӣ асос меёбад, балки он фазои озод ва судҷӯӣ аз ангораҳои наҳвиро низ тақозо менамояд. Дар шеъри озод қофия нақши ҳалкунанда надорад. Гулназар дар офаридани шеъри озод ба роҳи шоирони классик нарафт. Зеро гузаштагон асосан ба меҳвари уфуқии шеър мутаваҷҷеҳ мешуданду аз меҳвари амудии он сарфи назар мекарданд, ки дар натиҷа иртиботи байтҳои алоҳида барҳам мехӯрд. Аксари ифодаҳои Гулназар мармузанд ва **бар низоми сермаъноӣ** асос ёфтаанд. Ӯ чунин тарзи тасвирсозиро аз шуарои муосири Эрон ва Русия омӯхт ва ба таҷрибаи фардӣ такмил дод.

Фасли шашуми боби дувуми диссертатсия "**Гулназар ва офариниши амсилаи шеъри сафед"** ном гирифта, дар он хидматҳои пайгиронаи ӯ чун яке аз шоирони авангард матраҳ шудаанд. Шеъри сафед (шомлуӣ) пас аз шеъри озод (нимоӣ) ба адабиёти муосири тоҷик роҳ ёфт. Қаблан барои вуруди он ба фазои фарҳангии мо заминаҳо фароҳам омада буд. Аз шоирони пешоҳанги мо аз ҳама бештар Гулназар ва Доро Наҷот ба гуфтани шеъри сафед хӯ гирифта, муваффақ ҳам шудаанд. Аммо амсилаҳои сохтаи Гулназарро шоири дигаре ҳанӯз пайгирӣ накардааст. Беҳтарин шеърҳои сафеди Гулназар дар китобҳои ашъораш "Туву хубиву раъноӣ" (2010) ва "Лолаҳо дар ёлаҳо" (2017) фароҳам омадаанд. Гулназар силсилаи шеърҳои сафеди худро "**хусравонӣ**" номидааст ва дар ин равиш сабки фардии худро дорад. Рисолати шеъри имрӯз "баҳрро дар кӯза ғунҷондан" аст. Ӯ ҳамин ки матлаби худро баён намуд, ба шеър зуд нуқтаи таммат мегузорад, зеро **дарунмояи шеъри сафед пургӯиро бардошт надорад.** Ин услуби эҷодии шоир дар шеърҳои сафедаш равшантар ба мушоҳида мерасад. Дар чунин

равиш шеър гуфтан мушкил аст. Зеро хавфи идора карда натавонистани вазн ба шоир таҳдид мекунад. Ин гуна хавф дар шеърҳои озод ва суннатӣ мавҷуд нест. Дар шеъри сафед агар шоир вазн ва лаҳнро идора карда натавонад, шеъраш ба насри маъмулӣ табдил меёбад. Баъд аз вазн вазифаи мушкиле, ки пешорӯи шоир қарор мегирад, дар ҳудуди шеърият нигоҳ доштани мисраъҳост. Дар шеъри суннатӣ шоири камтаҷриба аксар вақт даст ба корбурди истиораву тасвирҳои куҳна ва қолабҳои умумӣ мезанад, ки беихтиёр шеъраш ба умумигӯӣ мепечад. Лекин барои навҷӯиву тозагӯӣ имкониятҳои шеъри сафед бештар аст. Як идда шеърҳои сафеди Гулназар дар силсилаҳои “Пурсишҳо” ва “Гулбаргафшон” фароҳам омадаанд. Онҳо асосан шеърҳои хурд буда, аз як-ду байт иборатанд. Ақидаҳои иҷтимоию фалсафӣ ҷавҳари ин гуна шеърҳост, ки шоир дар онҳо аз баёни интизоӣ иҷтиноб меварзад:

**Одамизод мисоли чой аст,**
**Ки ҳама бӯю ҳама таъми варо нӯш кунанд,**
**Баъд… чун шамма бурун андозанд** [10, 8].

Гулназар дар сурудани шеъри сафед монанди баъзе шоирони ҳамзабони мо ҷадвалгароӣ намекунад. Ӯ такаллуфро канор ниҳода, ҳамеша эҳсосу отифаи табииро рӯи қоғаз меорад.

Боби сеюми диссертатсия **“Падидаҳои ҳунарӣ дар шеърҳои Гулназар”** унвон гирифта, шомили чор фаслу ду зерфасл аст. Фасли якум **“Забони шеъри Гулназар ва вижагиҳои он”** ном дорад ва ба пажӯҳиши маҳорати шоир дар корбурди имконоти забони шеър бахшида шудааст. Гулназар ба забони шеър аҳамияти махсус медиҳад. Ӯ калимаро иҷборан ба хонаи шеър таклиф намекунад, балки худи калима ба осонӣ ба хонаи шеър ворид мешавад. Бешубҳа, нақши ҳунарии забон дар шеъри Гулназар муассир аст. Ӯ, ба қавли Маҳмуди Футӯҳӣ, дарк мекунад, ки “забон ҳомили тасвир ва ҳовии таҷрибаи хаёлӣ аст” [16, 21]. Агар бо истилоҳи Фердинан де Соссюр иброз дорем, Гулназар ҳам шоири **diachronic** (гуногунзамонӣ) асту ҳам шоири **synchronic** (ҳамзамонӣ). Ӯ барои барпо кардани <u>растохези вожаҳо</u>, ки аз таълимоти формалистони рус, минҷумла, Виктор Шкловский бармеояд, баҳра бурдааст. Аз вижагиҳои дигари забони шеъри Гулназар он аст, ки ба эътибори тамоизи нафаси вожаҳо дар низоми мисраъҳо берун аз хусусияти мусиқоияшон низ метавонанд **сабабгори тамоиз** ё **растохези калимаҳо** шаванд:

**Гулпаракҳои нигаҳи ҳаваспарвари ту**
**Мепаранд сӯи бобуназори гардунҳо** [7, 157].

Ҳодисаҳои савтӣ (протсесҳои фонетикӣ), аз қабили ихтисор ва афзоиш дар ашъори Гулназар равшан эҳсос мешаванд. Шоир асосан барои дар қолаби вазн ғунҷонидани ҳиҷову вожаҳо даст ба

ихтисори онҳо мезанад. Ин гуна ихтисоркунӣ анъанавӣ буда, ба муҳтавои шеър ҳеҷ таъсире надорад. Дар шеърҳои озоди Гулназар низ бо тақозои вазн калимаҳо ва пешоянду пайвандаку пешвандҳо ихтисор шудаанд. Ихтисор шудани таркиби калима дар ашъори Гулназар ҷо- ҷо ба назар мерасад. Шоир баъзан дар таронаҳои ошиқонаи худ вожаҳоро бо талаби вазни шеър дар шакли ихтисор, ки аз гӯиши мардумӣ бармеояд, истифода мебарад. Дар ин ҳолат вожаҳо бо вуҷуди нуқси грамматикӣ пайдо карданашон, зебову шинам ба назар мерасанд:

**Қадди расота гӯям,**
**Чашми сиёта гӯям,**
**Нозу адота гӯям,**
**Охир, чиҳота гӯям?!** [7, 114]

Вожаи **лолазор** маъмул аст, аммо Гулназар чун муродифи он калимаи **лоластон**ро сохтааст, ки он шакли ихтисоршудаи **лолаистон** аст. Дар ин шеъри кӯтоҳ:

**Соғари лола шукуфт имрӯз дар дасти баҳор,**
**Оби нобам деҳ, ки лоластони дил хуррам шавад** [7, 83].

Ҳодисаи дигар - афзоиши овозҳо низ дар ашъори шоир ба чашм мерасад, ки асосан бо тақозои вазн рух додааст. Баъзан дар шеър нарасидани ҳиҷое шоирро водор мекунад, ки ба афзоиши овоз дар калима даст занад.

Гулназар аз имкониятҳои дастурии забони тоҷикӣ истифода бурда, баъзан вожаҳои нав месозад, ки калимаи **ҷунуноб** (ба маънои оби шӯх ва беқарор) аз ҳамин даст аст:

**Зи сӯзи ман ҷунуноби Зарафшон,**
**Зи ҳаҷри ту Бухоро офариданд** [3, 9].

Вожаҳои **мусофирмурғакон** ва **мушкилсабз** низ аз калимаҳои сохтаи Гулназаранд, ки аз тариқи ҳамроҳшавии калимаҳо шакл гирифтаанд. “Ва (Гулназар - Ҳ. Р.) ҷо-ҷо калимасозиҳо мекунад, монанди:

**Гар ғурури муфлиси бунёдсифраке маро нашнохт…**
Ё:
**Он гиреҳобичаҳои ман, ки дар банди ҷигар сабз аст”** [15, 5].

Фасли дувуми боби сеюми рисола **“Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Гулназар”** ном дорад. Истиора дар ашъори Гулназар пероҳани нафисест, ки пайкари шеърашро зебу оро медиҳад. Ӯ иртиботи истиораю забонро чун алоқаи дона бо гиёҳ (таъбири Афлотун) ба инобат мегирад. Истиора (бо таъбири Арасту) ташбеҳи хулосашуда мебошад. Шоир хуб медонад, ки истиора дар забон чун нақши таркибии оксиген ва гидроген дар об аст. Агар яке аз онҳо нест, об ҳам вуҷуд надорад [14, 31].

Ин ҷо аз ташбеҳҳои тозаи Гулназар мисоле меорем. Он воқеъбинона буда, манзараи абри баҳор ва сигоркашиҳои шоири тоҷик Салимшоҳи Ҳалимшоҳро пеши назар ҷилва медиҳад:

**Бораи кӯҳ паси абри баҳор аст ниҳон,**

**Чун Ҳалимшост, ки дар дуди сигор аст ниҳон** [7, 84].

Гулназар шоири ҳассос аст, аммо ҳиссиёти худро аксаран бо андешаҳояш ба василаи саноеи бадеӣ тазвиҷ мекунад. Санъатҳои бадеии киноя ва таъриз дар шеъри ӯ бештар тобишҳои иҷтимоӣ доранд. Муъҷазбаёнии Гулназар ба ҳаддест, ки метавонад шеъре сафед дар як мисраъ ё байт офарад ва санъати мутаноқизро ба кор гирифта, маънии васеъро дар ин зарфи ниҳоят танг ғунҷоиш диҳад. Унвони шеър низ чунин аст: “Шеъре дар як мисраъ”:

**Тиҳигоҳи кафи**
**дасти гадо**
**аз гушнагӣ**
**пур буд!** [7, 28].

Ин вижагӣ дар шеъри дигар шоирон ба чашм намерасад.

Муболиға дар шеъри Гулназар гоҳе барои барҷастатар шудани шеърият хидмат мекунад. Шоир тавсифҳои нав меҷӯяд, то ки дар зеҳни хонанда асари тоза гузоранд. Ӯ барои тақвияти мантиқи сухан ва муҳтавои шеър аз санъати тазод истифода мебарад, ки гоҳо он бо маҷоз гиреҳ мехӯрад. Таҷоҳули ориф дар ашъори Гулназар нозукона ва popмуз ба кор рафтааст. Вай метавонад санъати руҷӯъ ё бозгаштро дар кӯтоҳтарин шеъраш ба кор гирад ва онро бо вазъи сиёсии замон гиреҳ бандад. Ин шева ҷадид аст, чунки дар адабиёти классикӣ шуаро санъати мазкурро бештар дар достону маснавиҳо кор мефармуданд. Нидо дар шеърҳои Гулназар аксар вақт ғамангезу дардолуд буда, тобишҳои иҷтимоӣ ва манзаравӣ дорад:

**Эй бародар,**
**Ҷони додар!**
**Як зимистон ту ҷудо афтодӣ аз ман,**
**Як баҳорон бар ту мехоҳам гиристан** [7, 249].

Санъати талмеҳро шоир бо мақсади ишора ба нақлу ривоятҳои қадима ва ашхоси таъриxиву асотирӣ ба кор мебарад. Ташхис дар шеърҳои Гулназар ҳолати рӯҳии шоирро бармало ифода мекунад. Тамсил ё ирсоли масал забони шеъри ӯро ғанӣ гардонда, онҳо аз зиндагии иҷтимоии мо сарчашма мегиранд. Таҷнис дар шеъри Гулназар ба шоирона баён намудани фикру эҳсоси ӯ мусоидат намудааст. Доир ба ҳар санъати зикршуда дар диссертатсия мисолҳо оварда шудаанд.

**“Парадокс дар шеъри Гулназар”** унвони зерфасли якуми фасли сеюми ин боб аст. Ба андешаи Шафеии Кадканӣ: “Халлоқияти

ҳунарӣ чизе ҷуз зуҳури гоҳ-гоҳи ин таноқуз нест” [18, 550]. Парадоксҳои Гулназар аз зиндагии воқеӣ сарчашма мегиранд. Истифодаи ин тарзи баён ба хотири таҷриба ҳам ҳаст. Зеро зеҳни хонандаи имрӯз ба фаро гирифтани баёни сода одат кардааст. Аз ҳамин рӯ, на ҳама маънии ҳақиқии таноқузро дарк менамоянд. Ҳол он ки печидабаёнӣ як ҷиҳати ҳунари шоирӣ маҳсуб меёбад. Масалан, дар китоби Бигзаби “Додо ва сурреолизм” чунин омадааст: “Кош ҷумлае медоштам, ки маънии онро ҳеҷ кас намефаҳмид, ҷумлае, ки зинда буд ва қалбаш мезад ва пушти калимоташ хун ҷараён дошт” [16, 224]. Дар назари аввал парадокс ба баёни пароканда шабоҳат дорад, аммо дар асл чунин нест. Ваҳдати замонию маконӣ пойдевори бинои парадокс аст. Масалан, ин рубоӣ саршори таноқуз аст, ки дар он таъсири Бедил ба Гулназар мушоҳида мешавад:

**Аз пуштаи сӯхта хасе пайдо кун,**
**Шаҳбоз наёбӣ, магасе пайдо кун.**
**Танҳоии ман, чӣ нолӣ аз танҳоӣ?**
**Оҳе бикашу ҳамнафасе пайдо кун!** [10, 8].

Ифодаҳои **пайдо кардани хас аз пуштаи сӯхта** ва **аз танҳоӣ нолидани танҳоӣ** парадоксҳои ин рубоианд.

Яке аз вижагиҳои парадокс дар он аст, ки суханро аз умумигӯӣ наҷот медиҳад. Аксари шеърҳои Гулназар ношӣ аз ҳақиқати рӯзгоранд. Аммо, аз тарафи шоир истифода шудани санъати парадокс шеъри ӯро дар назари аввал дар шакли дурӯғ ҷилва медиҳад. Тавре ки Маҳмуди Футӯҳӣ таъкид кардааст: “Ба дигар сухан, породукс дар адабиёт баёнест, ки ҳақиқат дорад, аммо ҳақиқӣ ба назар намерасад” [16, 327]. Дар байти зерин таноқузи “номурда мурдан” бо танз ифода ёфтааст:

**Моро ба гарди оташи дӯзах намехаранд,**
**Он бас, ки зери чарх номурда мурдаем** [3, 14].

Гулназар дар миёни шуарои муосири тоҷик аз ҳама бештар бо ифодаҳои парадоксӣ сарукор гирифта, дар ин ҷода тааққулу тахайюли шоиронаро ба ҳам оштӣ додааст, ки аз бозёфтҳои шоиронаи ӯянд.

Унвони зерфасли дувуми фасли сеюми боби мавриди назар **“Сувари хаёли Гулназар”** мебошад. Гулназар шоирест, ки сувари хаёлаш ба тахайюли шоирони муосири мо чандон шабоҳат надорад. Хаёлбандиҳояш дар шаклҳои мухталиф ва рангҳои гуногун ҷилва мекунанд ва боиси тавлиди тасвирҳои ҷолиб мешавад. Ӯ аз мактаби сабки ҳиндиву исфаҳонӣ, ки бинои он ношӣ аз дурпарвозии хаёл аст, таълим гирифтааст. Дар ин гуна шеърҳо Гулназар ба ашёи табиат забони инсонӣ мебахшад, онҳоро ба ҳаракат медарорад. Дар шеъри ӯ **обшорон суруд мехонанд,**

**сафедорон роҳи хуршедро мепоянд, дарёҳо роҳпаймову саргардонанд, биёбони бепоён ба барге зор аст.** Ӯ худ иқрор мешавад:

**Ин шоириву дафтари мо ҷумла хаёлист,**

**Дар кӯчаи мо қомати ту мисраи олист.** [8, 11].

Як идда тасвирҳои хаёлии шоир аз мантиқ фосила мегиранд, аммо инро нуқси сухан арзёбӣ кардан нашояд. Зеро чунин тарзи тасвир сабаби афзудани шеърият мегардад. Муҳаммад Ғуломризоӣ андеша дорад, ки "ташбеҳҳо ва истиораҳо маъмулан ҳарчи хаёлитар ва ваҳмитару номаънустар ва дерёбтар бошад, писандидатар аст" [12, 209]. Дигар аз вижагиҳои сабки Гулназар дар он аст, ки ӯ одатшикан аст. Ҳолатҳое рух медиҳанд, ки Гулназар даст ба таҷрибаҳои сюрреалистӣ мезанад ва тасвирҳои шигифтангез меофарад. Агар тазвиҷи **хаёл** ва **тасвир**ро аз маҳосини шеъри Гулназар ба шумор орем, иштибоҳ нахоҳад шуд. Тасвиргароиҳои Гулназар дар **"Дафтари хусравонӣ"** ба авҷи баланд расидааст, чун шоир дар ин шакли шеър бештар эҳсоси озодӣ мекунад. Гулназар гоҳо шоири **романтик** аст:

**Мӯсафедии дарахтон дар сари роҳ**
**Дасти ларзони дуо бардошта**
**Фотеҳаи ишқи моро медиҳад** [8, 6].

Беҳтарин тасвирҳояш бар мабнои хаёли шоирона бунёд ёфта, замону макон дар онҳо ҳудуди муайян надоранд.

Фасли сеюми боби сеюм **"Бозтоби намоди субҳ дар шеъри Гулназар"** ном гирифтааст. Дар ашъори Гулназар вожаи серистеъмолтарин **субҳ** аст, ки аксаран ба маъниҳои маҷозӣ корбурд шудааст. Инчунин ин вожа ба **тасвирсозиҳо** ва навпардозиҳои шоир мусоидат намудааст. Дар ин пораи шеъри тасвирӣ ҳама чиз дар ҳаракату такопӯст:

**Аз деҳистони дури болодаст**
**Дар кӯза "субҳ" оварадам духтари рустоӣ.**
**Вақте ки шаҳр маҳви торикист,**
**Вақте ки хоб рӯи мижгонҳо болонишин аст,**
**Вақте ки бонги оҳарии бомдоди нав**
**Ба гӯши кас намерасад…** [3, 24].

Тасвири шоиронаи **сафед шудани мӯи субҳ** ва **асири шоми пушти кӯҳсорон шудани офтоб** ишораест ба вазъи ноороми Тоҷикистон дар солҳои навадуми қарни гузашта:

**Мӯи <u>субҳ</u> аз интизори бардамидан шуд сафед, эй вой!**

**Офтоби мо асири шоми пушти кӯҳсорон аст** [3, 22].

Вожаҳои такроршаванда дар эҷодиёти шоири алоҳида тадриҷан ба намоди фардӣ табдил мeёбанд. Калимаи **<u>субҳ</u>** дар ашъори Гулназар ҳамин гуна хусусиятро дорост. Ин вожа дар навбати аввал чун истиора истифода шуда, баъдан ба намод табдил

ёфтааст, яъне, он аз якмаъноӣ ба сермаъноӣ рафта расидааст. Дар ашъори шоир вожаи **<u>субҳ</u>** дар назари сатҳӣ **намоди гунг** менамояд, аммо дар натиҷаи таъвил маънии васеи он равшан мешавад.

**“Мусиқии шеъри Гулназар”** унвони фасли чоруми боби сеюми диссертатсия мебошад. Воқеан, мусиқӣ дар шеъри ӯ аз аркони муҳим ва созанда маҳсуб меёбад. Гулназар дар баробари тасвири хаёлу отифа ба мусиқии шеър эътибори махсус медиҳад. Ба ақидаи Шафеии Кадканӣ дар тамоми забонҳои дунё шеър мусиқоӣ шудани отифаҳо дар забони тасвир аст. Ҳамаи шаклҳои шеърӣ аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад ва ҳунар чизе ҷуз ҳамин нест [18, 698]. Гулназар дар эҷоди суруд дасти расо дорад. Сурудҳояш саршори мусиқии берунию канорӣ ва дохилию маънавианд. Вазн мусиқии берунии шеърашро тавлид мекунад. Мусиқии канорӣ дар шеъри Гулназар аз ҳисоби қофияву радиф ба вуҷуд омадааст. Вай ҳеҷ гоҳ қофияҳои маъюб ва шойгонро дар шеъри худ роҳ намедиҳад. Алиризои Қазва чунин андеша дорад: “Дар шеъри Гулназар бо тозагии радиф мувоҷеҳем…”, “…ғазали берадиф мисли роҳ рафтани беасост” [5, 63-64]. Аксарияти ғазалҳои Гулназар мураддафанд. Муҳимтарин рукне, ки мусиқии маънавии шеърҳои ӯро тавлид намудааст, такрори матолиби махсус ва муҳим мебошад:

**Оҳ, ман урёнтарам, урёнтарам аз обҳои тирамоҳон,**
**Ман парешонам, парешонтар зи хоби хобҳои тирамоҳон!** [3, 4]

**Инак, натиҷагириҳо аз тадқиқотро** чунин гурӯҳбандӣ кардан ҷоиз аст:

1.Падидаҳои ҳунарии шеъри Гулназар арзандаи пажӯҳишу баррасӣ ва баҳогузории накди адабианд. Ӯ чун шоир дар замони мо ва муҳити иҷтимоии мо ба воя расида, умри худро сарфи омӯзишу эҷод ва пажӯҳишу хидмати адабиёт ва мардуми тоҷик намудааст. Эҷодиёташ гуногунрангу серсоҳа буда, танҳо дар шеър маҳдуд намешавад. Анвои мухталиф дар раванди эҷод ба ҳам тақвият бахшидаанд.

2.Марҳилаҳои эҷодии Гулназар ба замони Шӯравӣ ва истиқлолияти Тоҷикистон тақсим мешаванд ва онҳо аз лиҳози фарогирии мазмуну мундариҷа, вусъати нигоҳи шоир, такомули ҳунарӣ ва тавфиқҳои эҷодии шоир аз ҳамдигар фарқ мекунанд. **Марҳилаи аввали эҷодиёти Гулназар** давраи тамрину таҷрибаҳои шоирона ва **марҳилаи дуюми эҷодиёти ӯ** замони татбиқи таҷрибаҳо дар шеър ва камолоти шоирист. Ҳама муҳтавои фаръии шеъри Гулназар дар атрофи ду мавзӯи бузург- **ишқ** ва **иҷтимоиёт** давр мезананд. Яке аз беҳтарин шеърҳои Гулназар **Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст**, ки дар имтизоҷи ишқу иҷтимоъ эҷод шудааст.

3.Навпардозиҳои шоир бо дигаргун кардани зоҳири шеър маҳдуд нашуда, балки дар ташаккулу такомули дарунмояи шеър сурат гирифтааст. Дар тамрину таҷрибаи ғазал Гулназар муваффақ шудааст. Ӯ амалан собит сохтааст, ки жанри суннатии ғазал таҷаддудпазир аст. Дар рубоисароӣ хидмати шоистаи Гулназар он аст, ки ӯ тавонистааст бо дарки иҷтимоию таърихӣ, бо мушаххасбаёнию вуқӯъгӯӣ, тозаҷӯӣ, корбурди тасвирҳои зебои шоирона ва забони нобу бетакаллуф, дар иртиботи бевосита бо рӯҳи замон ва диди эстетикии нав дар дарунмояи ин жанри суннатӣ тозагиҳои назаррас ворид созад. Ҷавҳари дубайтиҳояшро омезиши эҳсосу отифа, тафаккуру нигоҳи шоирона, корбурди фарохи саноеи бадеӣ, ҳусни баёну назокати гуфтор, тасвирҳои тоза, маълумоти ҷолиби таърихию этнографӣ, мавзӯоти арзишҳо ва ифтихори милливу ҳисси ватандӯстӣ ва дарки масъулияти эҷодӣ ташкил медиҳад.

4.Пажӯҳиш нишон дод, ки Гулназар дар шеърҳои озодаш ваҳдати муҳтаворо дар меҳварҳои амудиву уфуқӣ хеле хуб роҳандозӣ менамояд. Ӯ дар корбурди қофия ба ифрот роҳ намедиҳад. Аносири тааққулу тахайюл ва андешаҳои романтикӣ хамирмояи шеърҳои озоди ӯянд. Навпардозиҳои шоир бештар дар сурати зеҳнӣ, услуби ифодаи маъно ва сохтори тасвирию ифодаҳои шоирона зоҳир мешаванд.

5.Аз натиҷаи таҳқиқот бармеояд, ки амсилаҳои дар шеъри сафед офаридаи Гулназар дар адабиёти мо падидаҳои ҷадиданд. Танаввуи нигоҳи шоиронаи ӯ дар силсилаҳои шеърҳои сафедаш “Дафтари хусравонӣ” ва “Гулбаргафшон” намудор аст. Шеърҳои сафеди шоир бо ихчамбаёнӣ ва тасвирҳои мармуз аз ашъори суннатиаш фарқ мекунанд. Ин гуна шеърҳо тоби пургӯӣ надоранд. Навҷӯиву тозагӯиҳо маҳаки асосии онҳо маҳсуб меёбад. Вазнҳои ғайримаъмулии саялонӣ, лаҳну оҳанги фаропечанда ё фурӯчарханда ва баъзан фолклорӣ аз авсофи бунёдии бисёре аз онҳост. Дар ин гуна ашъор аксаран тасвирҳои интизоӣ ва мушаххас бо ҳам омезиш ёфтаанд.

6.Дарунмояи шеъри Гулназар бо забон муносибати қавӣ дорад. Ӯ барои ҷилавгирӣ аз фасоди забони шеър аз корбурди таносубҳои забонзад ва обшуста парҳез мекунад. Шоир аз роҳи афзудани калом дар ашъори алоҳидааш баҳри тавилро эҳё кардааст. Дар шеъри Гулназар забон ба ҳунар табдил ёфта, зебоӣ тавлид мекунад. Шоир бо роҳҳои мусиқоӣ ва забоншиносӣ ба растохези калимаҳо замина мегузорад. Вай аз ҳодисаҳои савтӣ (протсесҳои фонетикӣ), минҷумла, ихтисору афзоиш огоҳона ва тибқи тақозои вазн суд ҷустааст. Шоир имкониятҳои сарфии забони тоҷикиро ба назар гирифта, чанд калимаи нав низ сохтааст.

7.Аз тадқиқоти мо бармеояд, ки Гулназар дар корбурди санъатҳои бадеӣ хеле эҳтиёткор буда, онҳоро ҳунармандона ва бо мавқеъ истифода мебарад.

8.Баъзан барои пос доштани хотири ҳунари шоириаш Гулназар парадокс (таноқуз)–ро дар шеър истифода мебарад, аммо парадоксҳои шеъри ӯ аз таноқузҳои дигар шоирон ба куллӣ тафовут доранд. Онҳо бо вуҷуди печидагиҳо аз зиндагии воқеӣ сарчашма мегиранд. Ваҳдати маконию замонӣ пойдевори бинои парадокси шеъри ӯст. Парадокс шеъри Гулназарро барои муқаллидон дастнорас кардааст. Ба тавассути таъвил ба дарки онҳо даст ёфтан имконпазир аст. Тааққулу тахайюли шоирона дар онҳо тазвиҷ ёфтааст. Шоир дар корбурди парадокс ба ифрот роҳ надодааст, то ин ки шеъраш такаллуфомезу маснӯӣ нашавад.

9.Тахайюлоти шоиронаи Гулназар ба тавлиди тасвирҳои тоза роҳ мекушояд. Таҷрибаҳои сюрреалистӣ дар тасвирҳои вай кам нестанд. Ҷузъиёти **хаёл** ва **тасвир** дар шеъри Гулназар аксар вақт ҷуфт мешаванд. Забони шеърҳои тасвирии ӯ шоирона буда, аносири сувари хаёлашро аз муҳити зисти худ интихоб мекунад. Ҷойгоҳи романтизм дар шеърҳои тасвирии Гулназар фарох аст.

10.Серистеъмолтарин калима дар ашъори Гулназар вожаи **субҳ** аст, ки дар ҳар ҷо бо рангу тобишҳои мухталиф ҷило медиҳад. **Субҳ** дар шеъри Гулназар бештар маъниҳои маҷозӣ ва шеваи мармуз касб карда, ба тасвирсозиҳо ва навпардозиҳои ӯ мусоидат кардааст. Ин калима дар ашъори шоир сараввал чун истиора истифода шуда, тадриҷан аз фарти такрор ба намод табдил ёфтааст. Ҳолатҳои рӯҳию отифии шоир ва вазъи мунқалиби замон низ бо ин калима ифода ёфтаанд.

11.Дар шеъри Гулназар мусиқӣ рукни муҳим ва созанда буда, сурудаҳои шоир саршори мусиқии берунию канорӣ ва дохилию маънавианд. Мутобиқи натиҷаи пажӯҳиши мо мусиқии шеър аз ҷузъиёти муҳими ҳунари шоирии ӯст.

**Адабиёт:**

1.Адибони Тоҷикистон.-Душанбе: Адиб, 2014.-320 с.

2.Акбаров, Юсуф. Меҳри Ватан / Юсуф Акбаров.-Душанбе: Маориф, 1989.-128 с.

3.Гулназар. Ҳар мисраи шеър Тоҷикистони ман аст / Гулназар.-Хуҷанд, 1997.-88 с.

4. Гулназар. Қадаҳи шабнам / Гулназар.- Душанбе: Сурӯшан, 2000.-82 с.

5.Гулзори Гулназар. Китобномаи шарҳиҳолӣ (библиография).-Душанбе: Эҷод, 2005.-164 с.

6.Гулназар. Шакарнам / Гулназар.- Хуҷанд: Ношир, 2006.-100 с.

7.Гулназар. Туву хубиву раъноӣ / Гулназар.-Душанбе: Адиб, 2010.-408с.

8.Гулназар. Лолаҳо дар ёлаҳо / Гулназар.-Душанбе: Бухоро, 2017.-160 с.

9.Гулназар. Шеърҳои нав / Гулназар // Маҷаллаи “Садои Шарқ”, 1999.-№7-9.

10.Гулназар. Гулбаргафшон / Гулназар // “Адабиёт ва санъат”, 2017.-23 феврал.

11.Гулназар. Растохези сухан / Гулназар.- Хуҷанд: Нури маърифат, 2015.-300 с.

12. Ғуломризоӣ, Муҳаммад. Сабкшиносии шеъри форсӣ: Аз Рӯдакӣ то Шомлу / Муҳаммад Ғуломризоӣ.-Душанбе: ДДОТ, 2017.-254 с.

13.Мусулмониён, Раҳим. Назарияи адабиёт / Раҳим Мусулмониён.-Душанбе: Маориф, 1990.-336 с.

14.Муваҳҳид, Зиё. Дирӯз ва имрӯзи шеъри форсӣ / Зиё Муваҳҳид.-Теҳрон: Интишороти Ҳермиз. Чопи саввум, 1394.-288 с.

15.Насрулло, Камол. Зи гулхан пираҳан бар хеш медӯз / Камол Насрулло // “Адабиёт ва санъат”, 2010.-16 сентябр.

16.Футӯҳӣ, Рӯдмаъҷанӣ Маҳмуд. Балоғати тасвир / Маҳмуди Футӯҳӣ.-Теҳрон: Сухан, 1385.-464 с.

17.Фарзона. Шоири субҳҳои оянда / Фарзона // Маҷаллаи “Хуҷанд”, 2005.-№ 9.

18.Шафеии Кадканӣ, Муҳаммадризо. Бо чароғ ва оина / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.-Теҳрон: Сухан, 1390.-768 с.

19.Шеърдӯст, Алиасғар. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик / Алиасғари Шеърдӯст.-Душанбе: Адиб, 1997.-272 с.

20.Шакурӣ, Муҳаммадҷони Бухороӣ. Хуросон аст ин ҷо / Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ.-Душанбе: Дониш, 2009.-576 с.

21.Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 1.-Душанбе: ЭСТ, 1988.-544 с .

**Мақолаҳое, ки аз рӯи тадқиқоти диссертатсионӣ интишор ёфтаанд**

**а)мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи КОА Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифташуда ба чоп расидаанд:**

1.Ҳамроев, Равшан. Мақоми Гулназар дар таҳаввули жанри рубоӣ / Равшани Ҳамроҳ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, 2017.-№4 (71).- с. 119- 127.

2.Ҳамроев, Равшан. Нақши Гулназар дар таҳаввулоти ғазал / Равшани Ҳамроҳ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, 2017.-№5 (72).- с. 171-178.

3.Ҳамроев, Равшан. Парадокс дар шеъри Гулназар / Равшани Ҳамроҳ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, 2018.-№3 (75).-с. 231- 235.

4.Ҳамроев, Равшан. Таҳаввулгароиҳои Гулназар дар дубайтӣ / Равшани Ҳамроҳ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2018.-№8 (қисми1).- с.169- 175.

**Монография:**

5.Ҳамроев, Равшан. Падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри Гулназар / Равшани Ҳамроҳ.- Душанбе: Ирфон, 2018.- 192 с.

**Хулосаи мухтасари**
**кори диссертатсионии Ҳамроев Равшанқул Замонович (Равшани Ҳамроҳ) дар мавзӯи “Поэтикаи ашъори Гулназар” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик**

Дар диссертатсияи Ҳамроев Равшанқул Замонович бори нахуст поэтикаи ашъори Гулназар Келдӣ ба таври мушаххас ва густурда мавриди нақд ва пажӯҳиш қарор гирифтааст. Сараввал роҷеъ ба ҳаёту фаъолияти эҷодии шоир маълумоти саҳеҳ дода шудааст, зеро он ба шеъри шоир ва ҷаҳонбинии ӯ бетаъсир нест. Муҳаққиқ марҳилаҳои эҷодии шоирро даврабандӣ карда, мушаххасоти онҳоро бо таҳлили мисолҳо асоснок намудааст. Мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Гулназар, алалхусус, ҷанбаи иҷтимоии шеъри ӯ дар ҳамбастагӣ бо марҳилаҳои эҷодиаш арзёбӣ гардида, Суруди миллӣ чун намунаи беҳтарини шеърҳои иҷтимоии ӯ тадқиқу тафсир шудааст.

Дар бобҳои дуюму сеюми диссертатсия муҳаққиқ навпардозиҳо ва ҳунари шоирии Гулназарро тадқиқ намудааст. Ин мавзӯи мубрам то имрӯз аз тарафи муҳаққиқе ба таври васеъ ва дақиқ тадқиқ нашудааст. Ҳарчанд ки навиштаҳои парешон ҷо-ҷо рӯи қоғаз омадаанд, касе то имрӯз Гулназарро чун шоири ҳунарманд ва навпардоз дар илми адабиётшиносии тоҷик муаррифӣ накардааст. Дар диссертатсия муҳаққиқ собит намудааст, ки дар бист соли охир симои Гулназар чун шоири асил рӯшантару дурахшонтар шудааст, зеро ӯ тавонистааст тамринҳову таҷрибаҳои шоиронаашро ҷамъбаст намуда, онҳоро дар шеъраш татбиқ намояд. Муҳаққиқ зимни муқоиса бо шоирони гузаштаву имрӯз ба исбот расонидааст, ки шоир дар қолабҳои суннатии ғазалу рубоӣ ва дубайтӣ рӯҳи тозаи замони моро дамидааст ва навҷӯиву тозапардозиҳояш бо ҳамин маҳдуд намешаванд.

Дар тадқиқот намунаи бозёфтҳои шоиронаи Гулназар таҳлилу тафсир шуда, муҳаққиқ ба он муваффақ шудааст, ки сарчашмаҳои он бозёфтҳоро нишон диҳад. Унвонҷӯ

исбот намудааст, ки Гулназар дар шеъри озод (нимоӣ) ин гуна бозёфтҳоро бештар касб кардааст ва дар ин ҷода таҷрибаҳои зиёд андӯхтааст. Ин таҷрибаҳои эҷодӣ боиси он шудаанд, ки шоир даст ба офариниши амсилаҳои шеъри сафед (шомлуӣ) занад ва ба дараҷаи пешгомтарин шоири шеъри сафедсарои тоҷик расад.

Дар диссертатсия инчунин шеваю ҳунари шоиронаи Гулназар дар корбурди имконоти забон ва санъатҳои бадеӣ ба доираи тадқиқ фаро гирифта шудааст. Муҳаққиқ вожаҳои калидӣ ва намоди шеъри Гулназарро таҳқиқ карда, салосату фасоҳати ашъорашро таъкид намудааст. Мусиқии шеъри Гулназар ҳамчун ҷузъи ҳунарии ашъораш мушаххас арзёбӣ шудааст.

Умуман, намунаи ашъори Гулназар чун шоири иҷтимоъгаро, лирик, навпардоз ва ҳунарманд ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.